Ба Шурои диссертатсионии **6D.КОА-012** назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - иқтисодиёти меҳнат**

Дар шароити муосир тамоюлҳои асосии рақамикунонии равандҳои идоракунии кормандон масъалаи мубрам дар фаъолияти меҳмонхонаҳо мебошад. Дар асоси рушди технологияҳои зеҳни сунъӣ, навсозии хидматҳои абрӣ барои нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоот, бозомӯзии кадрҳо тавассути ҷорӣ намудани порталҳои дохилии корпоративӣ; афзалиятҳои истифодаи порталҳои дохилии корпоративӣ муайян ва таҳлил карда шудааст. Татбиқи самтҳои дар боло зикргардидаи рақамикунонии системаи идоракунии кормандон ҷалби мутахассисони дорои дониш ва малакаи мувофиқро дар таҳия ва татбиқи технологияҳои рақамӣ дар раванди идоракунӣ тақозо мекунад ва инчунин боиси тағйири талабот ба салоҳиятҳои кормандони меҳмонхона мегардад.

Мусаллам аст, ки захираҳои меҳнатӣ ҳамчун қисми таркибии захираҳои инсонӣ, яке аз омилҳои таъмини рушди иқтисодӣ ва пешрафти ҷамъият ба ҳисоб мераванд. Ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ ҷараёни мақсаднокро ифода карда, дар он сифат ва қобилияти меҳнатии коргарон барои ноил гаштан ба мақсадҳои стратегии иқтисодиёти миллӣ, соҳаҳои мухталиф, минтақаҳо ва корхонаҳо амалӣ карда мешавад. Аз ин ҷост, ки захираҳои меҳнатӣ ба ташаккули сармояи инсонӣ ва дар ин замина такмили фаъолияти кормандон асос мегузоранд.

Муаллиф мақсади таҳқиқотро дар таҳлили тамоюлҳои асосии рақамикунонии равандҳо ва такмили низоми идоракунии кормандон, арзёбии онҳо, инчунин муайян кардани мушкилоти рушд ва роҳҳои ҳалли онро интихоб намудааст.

Ҳамзамон, барои ноил шудан ба ин ҳадаф ҳалли як қатор вазифаҳои дахлдорро муҳим шуморидааст:

– муайяни кардани нақши технологияи иттилоотиро дар идоракунии кормандон;

– ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар низоми идоракунии кормандон;

– омодасозии кормандон дар шароити рақамикунонӣ;

– таҳлили омилҳо ва арзёбии ваъзи бозори меҳнат;

– бо дарназардошти омилҳои таъсиррасон таҳияи амсилаи иқтисодию математикӣ;

– такмили механизми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ.

Аз мӯҳтавои таҳқиқоти илмӣ бармеояд, ки муаллиф ҳадафу вазифа ва паҳлӯҳои назариявию амалии таҳқиқотро дар сатҳи зарурӣ натиҷагирӣ намудааст.

Эътимоднокии дараҷаи диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаҳо ва як қатор тавсияҳо оид ба такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе пешниҳод гаштаанд. Инчунин, ҷамъоварию коркарди маводи васеи воқеӣ ва оморӣ бо мақсади истифодабарӣ, бо дарназардошти шароити имрӯзаи иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардидааст.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферат, инчунин камбудиҳо ва нофаҳмиҳо ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан бамаврид аст:

1. Дар автореферат ба таври кофӣ масоили омодасозии кормандони меҳмонхона дар шароити рақамикунонӣ, бахусус дар МТОК нишон дода нашудааст?

2. Инчунин дар автореферат такмили механизми ташкилию иқтисодии идоракунии кормандон таҳия шудааст, аммо баъзе нуктаҳои назари муаллиф баҳсбарангез аст.

Камбудиҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки дар умум диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи хело мубрам анҷом дода шудааст, ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.12- иқтисодиёти меҳнат мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои иқтисодӣ, саромӯзгори
кафедраи таҳлили иқтисоди ва аудити
ДДБ ба номи Носири Хусрав Гулов И.Х.

Имзои Гулов И.Х.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

**Суроға:** 735140, ш. Бохтар, кучаи Айни, 67,
Донишгох,и давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав,
Тел. 2-23-64, 2-22-53 www.btsu.tj, почтаи электронӣ: btsu78.@mail.ru